# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи аспиранти ғоибонаи кафедраи бемориҳои дарунии №1 Хайриддин Ҳочӣ Рамазон дар мавзӯи «Баҳодиҳии клиникӣ-эндоскопӣ ва басомади хеликобактер пилории шаклҳои вобастаи решмарази меъда ва рӯдаи 12-ангушта дар сокинони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.04-бемориҳои дарунӣ .**

**Мубрамият.** Дар солҳои охир дар таҳқиқотҳои нашрнамудаи муаллифони муосир ба вобастагии муайяни этно-экологии паҳншавии сирояти H. Pylori ишора шудааст (Г.К. Мироджев, С. Сатторов, 2005г; Я.С. Циммерман, 2013г; M.J. Blaser, 204г). Паҳншавии хеликобактериоз дар кишварҳои рӯ ба тараккии Осиё, Африқо, Америкаи Лотин назар ба кишварҳои мутараққии Аврупо, ИМА, Россия ва Япония бештар баназар мерасад.

Дар баробари он ки H. Pylori дар пайдиши решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта аҳамияти бузург дорад, муаллифон накши омилҳои механикӣ, пептикӣ, вайроншавии мувозинати агрессия ва муҳофизати пардаи луобӣ (гастритӣ, генетикӣ, психоэмотсионалӣ, иҷтимоӣ ва маишӣ, умуман тарзиҳаёт)-ро низ таъкид мекунанд. Пас, ба дастовардҳои фаровони гастроэнтерологияи муосир нигоҳ накарда, дар ин самт ба таври ниҳоӣ равшанӣ андохта нашудааст, бисйр масъалаҳо ихтилофнок ва баҳснок боқӣ мондаанд.

Аммо аз қадим маълум аст, ки решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта дар манотиқи Осиёи Миёна назар ба кишварҳои Аврупоӣ бештар паҳн шудааст. Дар ин маврид полиморфизми симптоматологияи клиники решмараз, вижагиҳои ҷараёни беморӣ ва оризаҳои он таъкид шудааст.дар баъзе муоинаҳо ҷараёни хуби беморӣ ва муваффақияти табобат қайд мешаывад, муаллифони дигар ҷараёни вазнин ва пайдошавии оризаҳои

хатарнокро, хунравӣ, пилоростеноз, ба омоси саратонӣ табдил ёфтан ва барои ҳаёти бемор хатарнок будани онро таъкид мекунанд.

Омилҳое, ки барои чунин тартиби ҷараёни беморӣ мусоидат мекунанд,то охир омӯхта нашудаанд, ихтилофнок ва баҳснок боқӣ мемонанд. Дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ин масъалаи патологияи минтақаи гастродуоденалӣ аввалиндараҷа ба шумор меравад. Дар солҳои охир зиёд шудани микдори шаклҳои ноаён ва вазнини решмараз, дер муроҷиат кардан,табобати номуносиб, диспансеризатсия боиси ҷараёни оризаноки решмараз, махсусан дар синну соли ҷавонӣ ва қобили корӣ ба назар мерасад.

Ба муҳиммияти масъалаи мазкур нигоҳ накарда, дар манотиқи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон вай ҳамчун самти омӯхтанашуда боқӣ мемонад. Вижагиҳои симптоматологияи клиникӣ, хусусиятҳои осебҳои эндоскопӣ, вазнинии ҷараён, басомади H. Pylori шакли муштарак то охир кор карда нашудаанд. Натиҷаҳои самаранокӣ ва усулҳои муосири табобати решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта гуногун аст, ки ин асоси мавзӯи интихобшудаи таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Вобаста аз мубрамии мавзӯъ мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш дуруст тарҳрезӣ шудааст. Диссертатсия бо услуби анъанавӣ таълиф шуда, 139 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад, аз аз муқаддима, 3 боби таҳқиқотҳои худи муаллиф, натиҷагирӣ, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ ва феҳристи адабиёт иборат аст, дар феҳристи адабиёт номгӯйи 205 адабиёти муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ бо забонҳои руссӣ ва англисӣ оварда шудааст.

**Навгонии илмӣ.** Бори нахуст дар асоси таҳқиқотҳои клиникӣ, эндоскопӣ, бактериологии микдори зиёди беморон вижагиҳои симптоматологияи клиникӣ муқаррар карда шуд. Аломатҳои эндоскопии осебҳои решӣ, басомади хеликобактер шакли муштараки решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта дар аҳолии маҳаллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

пешниҳод гардид. Симптоматологияи махсуси классикӣ, шаклҳои решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта, ки синдромҳои возеҳи дард ва басомади ихтилолҳои диспептикӣ нишон дода шуд. Решмараз бештар дар заминаи гастрити музмин, гастродуоденита, бемории гасторэзофагеалии рефлюксӣ бо рефлюкс эзофагит ҷараён пайдо мекунад.

Басомади H. pylori шакли муштараки решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта муқаррар карда шуд. Бештар таркиби генҳои хросомаҳои 6 ва 5 ва камтар 4,3 ба мушоҳида расид. Самаранокии схемаи Маастрихтии табобати секарата нишон дода шудааст, натиҷаҳои беҳтарин дар синну соли ҷавонӣ назар ба калонсолӣ бештар имконпазир аст.

Нуктаҳои назариявии наве, ки пешниҳод шудаанд, имкониятҳои муҳокимарониҳои ташхисии вазнинии ҷараёни решмаразро беҳтар месозанд, маълумотҳо дар бораи вижагиҳои минтақавии ҷараёни решмараз дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро пурра месозанд. Маълумотҳои нави ба даст овардашуда имконият медиҳанд, ки протссеси табобатӣ- профилактикӣ, интихоби схемаҳои тафриқавии табобати патогенетикӣ ва профилактикӣ дуруст ба роҳ монда шавад.

Дар **муқаддима** муаллиф зарцурати омӯзиши проблемаи мазкур дар манотиқи Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро асоснок ва навгонии илмиву аҳамияти амалии онро, ки барои ҳимоя пешкаш карда мешаванд, илман асоснок кардааст.

Боби **«Шарҳи адабиёт»** бо услуби анъанавӣ босаводона таълиф шуда, аз 18 саҳифа иборат мебошад. Дар ин ҷо ҷанбаҳои муосири ташхис, паҳншавии сирояти хеликобактер пилори дар шароитҳои мухталифи иқлимӣ-геогарафии кишвар баррасӣ шудааст. Аҳамияти механизмҳои патологии пайдошавии решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта баррасӣ шудааст.

Таҳлили сарчашмаилмӣ ба муаллифи диссертатсия имконият доданд, ки хулосаҳои зарурӣ бароранд, онҳо дар бобҳои дахлдори рисода ба таври васеъ шарҳ дода шудаанд.

**Боби дуюм -** «Мавод ва усулҳои таҳқиқот» номгузорӣ шудааст. Дар ин ҷо методикаи таҳқиқоти 139 бемори гирифтори решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта оварда шудааст.

Муаллиф аз усулҳои таҳқиқотҳои муосир ва дастраси клиникӣ, эндоскопӣ, морфологӣ, бактериологӣ, аксуламали полимерозии занҷирӣ тести ДНК (кислотаи дезоксибонуклеинӣ) сирояти Helicobacter pylori ба таври муфассал истифода кардааст. Муаллиф меъёрҳои ба таҳқиқот дохил кардан ва аз он хориҷ кардани беморонро нишон додаст.

**Боби сеюм -** «Натиҷаҳои таҳқиқоти худи муаллиф» ном дошта, дар ин ҷо натиҷаҳои таҳлили клиникии симптоматологияи решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта, басомади шикоятҳои диспепсӣ, вижагиҳои ҷараёни беморӣ, оризаҳо баррасӣ мешщаванд.дастоварди диссертатсия маълумотҳои таҳқиқоти эндоскопӣ бо нишон додани решҳои «тоқа-тоқа» ва баъзан «бисёр», шаклҳои махсуси решҳои типи «пептикӣ» ва «гирд» ошкор карда шуданд.

Тибқи таҳқиқоти морфологӣ нишон дода шудааст, ки дар натиҷаи биопсияи пардаи луобии меъда ва дуоденум тағйироти илтиҳобӣ-тарашшуҳӣ бо аломати тарашшуҳоти лимфоидӣ, нейтрофилӣ бо навъи рефлюкс-эзофагит, гастрити музмин, гастродуоденит ба амал меоянд. Басомади ҳамроҳшавии тағйироти илтиҳобӣ-тарашшуҳии меъда ва рӯдаи 12 ангушта бо иллатҳои решӣ муқаррар карда шудааст. Басомади баланди хеликобактер шакли муштараки решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта нишон дода шудааст.

**Дар боби чорум** натиҷаҳои самаранокии табобати комплексӣ тибқи схемаи Маастрихтии табобати секарата оварда шудааст. Натиҷаҳои табобат дар беморони гирифтори решмарази рӯдаи 12 ангушта дар синну соли ҷавонӣ дар муқоиса аз решмарази меъда дар гуорӯҳи беморони калонсол беҳтар буд. Дар сурати бесамар будани табобат муаллиф курси такрории табобат бо схемаи квадратерапияро гузаронид. Дар 63,3% ҳолат самаранок

буд, дар 36,3% ҳолат ташаккули реши музмин аз вазнинии ҷараёни беморӣ хабар дод.

**Хулоса.** Хулосаҳои муаллиф асоснок буда, мантиқан аз натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф бармеоянд. Тавсияҳои амалиро дар фаъолияти илмиву амалии мақомоти нигоҳдории тандурустӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашркардаи муаллиф пурра инъикос ёфтаанд, ки 3 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР нашр шудаанд.

**ХУЛОСА**

Диссертатсияи Хайриддин Ҳоҷӣ Рамазон дар мавзӯи **«Баҳодиҳии клиникӣ-эндоскопӣ ва басомади хеликобактер пилории шаклҳои вобастаи решмаразӣ меъда ва рӯдаи 12-ангушта дар сокинони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон»**, аз лиҳози навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти амалӣ ва назарӣ, ҳаҷми таҳқиқотҳои анҷомдодашуда, усулҳои таҳқиқот ба талаботи «Низомномаи Намунавӣ дар бораи шӯроҳои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ ва барои диссертатсияҳои номзадӣ пешбинӣ шудааст шудааст, пурра ҷавобгӯ ва муаллифи он барои сазовор гаштан ба унвони илмӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.04 – бемориҳои дарунӣ арзанда мебошад.

**Директори Маркази тибби**
**клиникӣ-эстетикии ҶДММ «Ёсуман»,**
**д.и.т.** **Н.И. Раҷабова**